# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ

**Парвандаи аттестатсионии №__________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 26.04.2024, №38**

Барои сазовор донистани Намозализода Шафқат Намозалӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ

Диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи "Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ санаи 21 феврали соли 2024 барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №51 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №13/ш.д. таъсис дода шудааст.

Намозализода Шафқат Намозалӣ соли таваллудаш 28.12.1996, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2018 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Солҳои 2013-2018 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намуда, онро аз рӯйи ихтисоси иқтисод ва идораи комплекси агросаноатӣ ҳамчун мутахассис хатм намудааст.

Аз соли 2019 то соли 2022 дар кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯй таҳсил карда, онро аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли соли 2019, суратҷаласаи №9/5.7 тасдиқ шуда ва мувофиқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2020 бо суратҷаласаи №02/3.26 иваз гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Тағоев Ҷамахон Ҳамроевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи комплекси агросаноатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- Ашуров Ихтиёр Саидович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

- Фатҳуллозода Абдухолиқ Фатҳулло, номзади илмҳои иқтисодӣ, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар -** Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Файзуллоева Кароматт Наврусовна таҳия гардида, дар ҷаласаи шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №3 аз 27 марти соли 2024) ва аз ҷониби директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Пиризода Ҷалил Сафар, тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи “Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)”, аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда, муаллифи он Намозализода Шафқат Намозалӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсияи худ дар умум 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба чоп расонидааст:

**Феҳристи интишороти илмии довталаб доир ба мавзуи диссертатсия**
**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М].** Намозализода Ш.Н. Асосҳои таҳияиояндабинӣ нисбат ба рушди минтақаҳо ва саҳми корхонаҳои корркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар он [Матн] / Ш.Н. Намозализода, Г.Н. Оймаҳмадов // Маҷаллаи “Иқтисодиёти Тоҷикистон” Институти иқдисодиёт ва демографияи АИҶТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ.– Душанбе, 2020.-№3.-С. 227-232. ISSN 2310 – 3957.

**[2-М].** Намозализода Ш.Н. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули стратегияи рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ [Матн] / Ш.Н. Намозализода // Паёми молия ва иқтисод. Бахши илмҳои иқтисодӣ.– Душанбе,-2021.-№1.-С. 143-150. ISSN 2663 – 0389.

[3-М]. Намозализода Ш.Н. Таҷрибаи хориҷии ташаккулу равнақи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар манотиқи деҳот [Матн] / Ш.Н. Намозализода // Паёми молия ва иқтисод. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2022.- №1.-С. 238-245. ISSN 2663 – 0389.

[4-М]. Намозализода Ш.Н. Сармоягузориҳо ва дурнамои рушди саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб [Матн] /Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ш.Н. Намозализода //Паёми молия ва иқтисод. Бахши илмҳои иқтисодӣ.– Душанбе, 2023.-№2.-С. 99-111. ISSN 2663 – 0389.

[5-М]. Намозализода Ш.Н. Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон: вазъият, мушкилот, самтҳои рушд ва сармоягузориҳо [Матн] / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ш.Н. Намозализода // Маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон" Институти икдисодиёт ва демографияи АИҶТ. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2023.- №3. – С. 103-110. ISSN 2310 – 3957.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[6-М]. Намозализода Ш.Н. Мушкилоти рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ [Матн] /Ш.Н. Намозализода / Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДДМИТ дар мавзуи "Масоили мубрами идоракунии молияи давлатӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ" ба муносибати 95-солагии таъсисёбии Вазорати молияи ҶТ, 7 декабри соли 2019.– Душанбе, 2019. – С.103-106.

[7-М]. Намозализода Ш.Н. Заминаҳои иқтисодию ташкилии корхонаҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] /Ш.Н. Намозализода / Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДДМИТ дар мавзуи "Низоми молиявӣ дар шароити саноатикунонии мамлакат" 7 декабри соли 2020.– Душанбе, 2020. – С.145-149.

[8-М]. Намозализода Ш.Н. Хусусиятҳои асосӣ ва муаммоҳои молиявии рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ[Матн] /Ш.Н. Намозализода /Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДДМИТ дар мавзӯи "Низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолияти давлатӣ: ҳолат ва дурнамои рушди он", 7 декабри соли 2021.– Душанбе, 2021. – С.137-141.

[9-М]. Намозализода Ш.Н. Рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ[Матн] /Ш.Н. Намозализода/Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДДМИТ дар мавзуи "Рушди менеҷменти инноватсионӣ ва накши он дар тадбиқи ҳадафҳои статегии кишвар", 29 октябри соли 2022.– Душанбе, 2022. – С.123-129.

[10-М]. Намозализода Ш.Н. Дастгирии давлатии молиявии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ [Матн] / Ш.Н. Намозализода / Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДДМИТ дар мавзуи "Муаммоҳои инкишофи низоми молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ " бахшида ба рӯзи молиячиён, 07.12.2022. – Душанбе, 2022.-С.40-47.

[11-М]. Намозализода Ш.Н. Сармоягузории саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии минтақаи Кӯлоб [Матн] / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ш.Н. Намозализода / Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии дар мавзуи

“Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон”, 17.02.23.- Душанбе, ДМТ, 2023.- С.252-260 (462 с.).

**[12-М].** Намозализода Ш.Н. Нақши қарзҳои бонкӣ дар таъмини захираҳои молиявии корҳонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ [Матн] / Ш.Н. Намозализода / Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии ДДМИТ дар мавзуи “Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо ”, 11.03.23. – Душанбе, 2023.- С. 344-350.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Шокиров Равшан Сидиқович - доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, мудири кафедраи молия, бонк ва гумруки Филиали муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон” дар в. Суғд ш. Хуҷанд,** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Хуб мешуд дар кор барои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити маҳдудияти сарчашмаҳои қарзи бонкӣ бештар ба лизинги молиявӣ таваҷҷуҳ карда мешуд.

**2. Маҳмадалӣ Бахтиёр Набӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Ректори Донишкадаи кӯҳию металургии Тоҷикистон,** бо чунин эрод пешниҳод шудааст: 1) Мантиқи амалии кор беҳтар мегардид агар унвонҷӯ баъзе нишондиҳандаҳои тамоили манфидоштаро аз нуқтаи назари танқидӣ мавриди баррасӣ қарор медод. 2) Зимни арзёбии чараёни ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон) гузаронидани таҳлили омилӣ ба манфиати кор мебуд.

**3. Асоев Баҳодур Хайридинович–номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент декани факултети иқтисодиёти рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб,** бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Ифшои умқтари аҳамияти ичтимоӣ-иқтисодии ташаккули корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ. 2) Возеҳтарнамоии андешаҳои муаллиф ҷиҳати пешниҳоди имтиёзҳои мухталиф бахри тавсеа ва рушди ин бахши иқтисодии кишвар

**4. Сафаров Қаландар Саймаҳмудович – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Данғара,** бо чунин эродҳо пешниҳод шудааст: 1) Истифодаи усули пурсиш дар минтақа барои бозҳам мушаххас мунайян намудани омилҳои манфии рушди ин бахш мусоидат менамуд. 2) Хуб мешуд, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот барои муқоиса ба таври намунавӣ таҷрибаи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии дигар минтақаҳои ҷумҳуриро баҳогузорӣ менамуд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, алалхусус, вобаста ба соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи минтақа мебошад.

Мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илмие пешниҳод шудааст, ки ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ унсури ниҳоят муҳим дар беҳтарнамоии шароити зиндагӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул ва амнияти озуқаворӣи аҳолии мамлакат ва заминаи асосии истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда маҳсуб ёфта, бо назардошти мавҷудияти имкониятҳои баландбардории иқтидори истеҳсолии мамлакат ҷиҳати таъмини маҳсулоти худӣ ва ба содирот нигаронидашуда, яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

- ***пешниҳод шудааст:*** таърифи муаллифӣ бо чунин мазмун, ки "Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ - ин маҷмуи ҷараёнҳои ташкилӣ ва истеҳсолию иқтисодие мебошанд, ки дар натиҷаи онҳо истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ вобаста ба табдил додани маҳсулоти кишоварзӣ ба маҳсулоти тайёри истеъмолӣ, аз ҷумла озуқаворӣ, дар заминаи коркарди саноатии он ба вуҷуд меоянд, ки амалигардии ин раванд тақозо ба захираҳои молиявӣ, кадрӣ ва сармоягузориро дорад".

- ***исбот шудааст***, ки рушди минбаъдаи соҳа аз таъмини сармоягузории дохилию хориҷӣ вобастагии зиёд дошта, дар минтақа имкониятҳо барои ташкили корхонаҳои комплекси агросаноатӣ зиёд, вале талаботи онҳо ба сармоягузорӣ қонеъкунанда нест. Гарчанде ки қисми зиёди сармоягузориҳои вилояти Хатлон ба минтақаи Кӯлоб рост меояд, миқдори ками сармояи ҷалбгардида ба самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ сафарбар гардидааст, ки ин ва дигар муаммоҳо барои таъмини рушди минбаъдаи соҳа ҳалталаб маҳсуб меёбанд.

- ***ҷорӣ намудани*** таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ: а) ташкил ва ба роҳ мондани коркарди ниҳоии ашёи хоми кишоварзӣ дар ҳудуди минтақа ва ноҳияҳое, ки иқтидори бойи истеҳсолӣ доранд; б) ташаккул ва равнақ додани кластерҳои пахта дар ноҳияҳои пахтакорӣ; в) дар ноҳияҳои ғаллакор, аз қабили Данғара, Восеъ, Кӯлоб, Фархор ва Темурмалик рушд додани кластерҳои ғалла; г) бунёд кардани боғҳои интенсивӣ дар минтақаи мазкур, ки дар якҷоягӣ бо боғҳои анъанавӣ заминаи бойи ашёи хоми кишоварзӣ барои саноати коркарди меваю сабзавот мебошанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- натиҷаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот бадастомада барои баландбардории самаранокии истеҳсолоти ватанӣ ва ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар сохторҳои

таркибии иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ асосҳои усулӣ ва амалӣ хоҳанд гашт.

- ***методикаи*** арзёбии истифодаи самараноки ашёи хоми кишоварзӣ бо роҳи коркарди саноатии он дар асоси маводҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таҳия ва дурнамои рушди нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст, барои мукаммалгардонии донишҳои илмӣ дар ин самт мусоидат мекунанд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҳамчун олоти таҳқиқ ҳангоми коркард ва таҳлили рақамҳо усулҳои таҳқиқоти мафҳумию мантиқӣ, монографӣ, ҳисобию конструктивӣ, сотсиологӣ, анализу синтез, иқтисодию оморӣ **самаранок** истифода шуданд.

- ***баён шудааст, ки:*** 1) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар самти коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ қабул карда шудааст, аммо қувваҳои пешбарандаи он заиф ба назар мерасанд, ки пешниҳодҳои амиқ ҷиҳати ҷоннок намудани корҳо тавсия гардидаро самаранок истифода намояд; 2) дастгириҳои давлатӣ ва имтиёзҳои додашуда ба соҳа хеле зиёд мебошанд, аммо истифадаи самараноки онҳо аз ҷониби имтиёзгирандагон нигаронкунанда ба назар мерасад; 3) дар самти дастгириҳои молиявию қарзӣ аз ҷониби ҳукумати мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст, аммо барои бартараф кардани мушкилоти соҳа танҳо такя ба ниҳодҳои давлатии молиявӣ кардан кофӣ нест.

- ***ошкор гардидани*** хусусиятҳои хос ва таъсирасонии омилҳои ба рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ бо такя ба таҳқиқу омӯзиши назария ва усулҳои илмӣ, пешниҳоди роҳу усул ва чораҳои дар амал татбиқ намудани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бо назардошти таъсири хусусияту омилҳои мазкур.

- ***омӯхта шуданд:*** а) таҳқиқи назариявию услубии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, хусусиятҳо ва омилҳои ба ин раванд таъсирбахш, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии дорои бахши аграрии рушдкарда; б) таҳлили вазъи кунунии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва баҳодиҳии тамоюлҳои инкишофу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон; в) дастгирии давлатии ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ; г) рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоб; д) таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи мавриди баррасӣ.

- ***аз нав такмил додани методикаи*** арзёбии вазъи воқеии иқтидорҳои истеҳсоли ашёи хоми кишоварзӣ ва иқтидорҳои соҳаи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, бо такя ба маводҳои минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомадаро сохторҳои марбути соҳаи саноат, корхонаҳои коркард ва корхонаю ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ

дар фаъолияти кории худ барои баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини рақобатпазирӣ истифода намоянд.

*- тавсияҳои методӣ ва амалии* таҳиякардаи муаллиф дар раванди таълимии фанҳои “Иқтисодиёти минтақавӣ”, “Молияи минтақавӣ” ва “Молияи корхонаҳо” истифода шудаанд (санади тасдиккунанда аз ДДМИТ №19 аз 08.06.2023 мавҷуд аст). Инчунин, маълумотнома аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи натиҷаҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ аз 05.09.2023 мавҷуд аст.

- *муайян карда шуданд* самтҳои асосии ташаккулу рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ: а) дастгирии давлатӣ; б) рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ; в) дарёфти сарчашмаҳои молиявӣ ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.

- *офарида шуд:* модели дурнамои рушди коркади саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб бо усули ҳисоби авторегрессионӣ таҳия ва коркард шуда, дар сурати ба инобат гирифтани тавсияҳои муаллиф ҳаҷми маҳсулоти саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон аз 1788775,2 ҳазор сомонии соли 2021 ба микдори 2635133,7 ҳазор сомонӣ ё 47,3% то соли 2025 ва ба микдори 4276724,7 ҳазор сомонӣ ё ба андозаи 2,2 маротиба то соли 2030 меафзояд.

- *муаррифӣ карда шуданд:* 1) роҳҳои ташаккул ва рушди инноватсионии корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси таъминоти технологияи инноватсионӣ; 2) омодасозии мутахассисон барои истифодаи инноватсия; 3) ташкили шаклҳои нави истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ; 4) истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- **назарияи** самаранок истифодабарии захираҳои ашёи хоми кишоварзӣ дар заминаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзиро ҳамчун воситаи таъмини амнияти озуқаворӣ бо назардошти вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳону сатҳи мамлакат, саҳми он истеҳсол ва таъмини маҳсулоти саноатию шуғли пурмаҳсули аҳолии мамлакат асоснок ва пешниҳод шудааст.

- **ғоя** ба хулосаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада, аз ҷумла, таъсири возеҳи рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ ба беҳтаргардонии шароити зиндагӣ, таъмини шуғли пурмаҳсул ва таъмини амнияти озуқавории аҳолии мамлакат, асос ёфтааст.

- **истифодаи** чораҳои танзим ва дастгирии иқтисодиёти минтақа аз ҷониби давлат тавсия гардида, оид ба сармоягузориҳо, ҷустуҷӯи сарчашмаҳои молиякунонӣ, истифода ва сафарбарнамоии онҳо барои ташаккули босуръат ва рушди босуботи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва микдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарраароти мавҷуда сурат гирифтааст. Автореферати

диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” мутаносибан сатҳи он 86,25% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) дар таҳқиқот унвонҷӯ ҷанбаҳои назариявию услубӣ ва амалии рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи Кӯлобро бо назардошти ақидаҳои олимони ватанию хориҷӣ таҳқиқ намуда, бо ҳамин саҳми худро дар мукаммал шудани донишҳои марбут ба иқтисодиёти минтақавӣ аз дидгоҳи хусусиятҳои ҳудудии он гузоштааст; 2) унвонҷӯ мақсад ва вазифаҳои гузошташударо доир ба масъалаҳои ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ иҷро намуда, тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснокро иброз доштааст; 3) Дар рафти таҳқиқ ва омӯзиши мавзуи мазкур бо омода намудани 12 мақола, ки аз онҳо 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, собит намудааст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Намозализода Шафқат Намозалӣ дар мавзуи “Ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ (дар маводи минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)”, кори мукаммалу баитмомрасидаи илмӣ ва тахассусӣ буда, мустақилона анҷом дода шуда, мубрамию унсурҳои навгонии илмӣ дорад ва муаллиф дар илман асосноккунии назария ва амалияи ташаккул ва рушди корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ, дар заминаи маводҳои минтақаи Кӯлоб саҳми худро гузошта, барои бартарафсозии як қатор мушкилоти соҳа мусоидат намудааст. Диссертатсия ба бандҳои 9; 16; 24 ва 25-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 26.04.2024 қарори сазовор донистани Намозализода Шафқат Намозалӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 12 нафар, аз ҷумла, докторони илм 10 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар иштирок доштанд. Ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ овоз доданд: «Тарафдор» - 12 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**26 апрели соли 2024.**